# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссераттсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Ба даст овардани истиқлоли воқеии сиёсӣ дар кишвари мо чандин фазилатҳои муҳим ва муборакро дар пай дорад, ки яке аз онҳо тағйири муҳити адабӣ, озодии фаъолияти эҷодӣ ва баёни ормонҳои миллӣ ва инсонии шаҳрванд мебошад. Дар ин давра, бо ибтикори роҳбарияти сиёсии кишвар барои рушди суннатҳои адабии ҳазорсолаи халқ, барои навсозии тафаккури адабӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуд. Адибони тоҷик боҷуръатона дар эҷодиёти худ ба навҷӯйӣ ва навсозии шаклию мазмунии назму наср пардохтанд ва дар ин масир эҷодкорони соҳибҳунар ва соҳибистеъдод ба дастовардҳои муҳимми адабию эҷодӣ муваффақ гардиданд.

Яке аз чунин суханварони ҷӯянда, навгаро ва ҳунарманд Шоири халқии Тоҷикистон устод Муҳамад Ғоиб мебошад. Вай парвардаи ҳавзаи адабии Кӯлоб буда, нахустин таҷрибаҳои эҷодиашро зери назар ва роҳнамоии устодони ин ҳавзаи муҳимми адабиёти муосири тоҷик гузаронидааст. Истеъдоди модарзодӣ ва дониши комили адабӣ имкон дод, ки ин шоири тавоно хеле барвақт, аз қадамҳои нахустинаш ба майдони шеъру шоирӣ дар саросари кишвар шуҳрат ёбад. Аз ин ҷиҳат, метавон ашъори М. Ғоибро аз дастовардҳои шоистаи адабиёти тоҷикии давраи истиқлол ҳисобид. Аз ин ҷиҳат, омӯзиш ва таҳқиқи муфассалу фарогири ашъори шоирони таъсиргузоре, мисли устод М. Ғоиб барои ба таври илмӣ муайян кардани бурду бохти равандҳои шеъри тоҷикии давраи истиқлол муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи номзадии Раҷабалиева Шаҳло “Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб” дар ин маврид гоми шоиста мебошад, зеро муҳаққиқ дар ин пажуҳиши фарогири худ бештар ҷанбаҳои адабию ҳунарии ашъори шоирро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисосӣ илмӣ.** Диссертатсияи Шаҳло Раҷабалиева дар мавзуи “Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб” ба таҳқиқи паҳлуҳои муҳимми адабию ҳунарии ашъори шоир ихтисос дода

шудааст. Муҳаққиқ кӯшидааст, ки масоили марбут ба ташаккули шахсияти адабии М. Ғоиб, вижагиҳои муҳтавои ашъор, анвои шеърӣ, ороятҳои адабӣ ва дигар ҷанбаҳои поэтикии ашъори адибро бо низом ва муфассал ба риштаи таҳқиқ кашад. Зеро дар адабиётшиносии муосир эҷодиёти М. Ғоиб бори нахуст аз ин дидгоҳи илмӣ ба таҳқиқ меояд.

Муҳимтарин фазилати илмию пажуҳишии диссертатсияи Шаҳло Раҷабалиева дар он зоҳир мешавад, ки диссертант зимни таҳлили мавзуъҳои ашъори шоир масири адабию эҷодии ӯро ба таври илмӣ асоснок мекунад. Шеваҳои таҳқиқи хронологию маҷмӯӣ имкон додааст, ки диссертатсия дар сатҳу савияи муносиб ва тибқи талаботҳои тахассуси илмии 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ таълиф карда шавад. Муҳтаво ва сохтори диссертатсия ба ихтисоси номбурда комилан мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ашъори М.Ғоиб, на танҳо аз дидгоҳи мазмуну муҳтаво, балки дар шинохти ягонагии шаклию мазмунии он ба таҳқиқ меояд. Ҷолиб он аст, ки диссертант ҷанбаҳои сохтории ашъори шоирро вобаста ба талаботи мазмун ва муҳтавои мавриди назари муаллиф баррасӣ мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад.** Таҳқиқоти мавриди назар нахустин диссертатсияест, ки дар он ҷанбаҳои мазмунию шаклии ашъори М. Ғоиб ба таври маҷмӯӣ ба таҳқиқ омадааст. Масъалаҳои таносуби шахсияти адиб бо ашъораш, нақши эҳёю навсозии анвои суннатии назм, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии ашъори шоир ва ғайра бори аввал дар шакли монографӣ баррасӣ мешавад. Муҳаққиқ дар доираи диссертатсияи мавриди назар, тавонистааст, ки муҳимтарин ҷанбаҳои адабию ҳунарӣ, жанрию сабкӣ ва мазмунию шаклии ашъори М. Ғоибро равшан созад. Чунки ашъори ин шоири тавонои тоҷик аз лиҳози масоили зикргардида вижагиҳо ва фазилатҳои хосси адабию эҷодӣ дорад.

Масъалагузориҳои диссертант дар бахши нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар ҳафт банд ишора мешавад, ки онҳо дар бобу фаслҳои таҳқиқоти мавриди назар муфассал баррасӣ гардидаанд. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки шахсияти адабии М. Ғоиб ва ашъори гуногунжанру гуногунмавзуи ӯ бо суннатгароию навпардозиҳо адабиёти муосири моро ғановат бахшида, гузаштаро бо имрӯз ва имрӯзаро бо оянда мепайвандад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** далели он аст, ки диссертант дар заминаи мутолиа ва омӯзиши амиқи ашъори банашррасидаи шоири номвари тоҷик М. Ғоиб ва адабиёти илмию адабӣ, мавзуи интихобнамудаашро аз дидгоҳҳои гуногуни нақду сухансанҷии муосир баррасӣ менамояд. Ҷойи таъкид аст, ки аксари баҳсу баррасиҳо ва хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ бо такя ба сарчашмаҳои қобили эътимод сурат мегирад. Маводди банашррасонидаи диссертант натиҷагириҳо ва хулосаҳои илмии таҳқиқотро таъйид мекунанд. Натоиҷи таҳқиқоти мазкур дар шакли хулоса ва тавсияҳои илмӣ пешниҳод мегардад, ки аксари онҳо бар пояи таҳлилу таҳқиқи амиқу фарогир сурат гирифтаанд ва дурнамои омӯзиши мавзуъро муайян мекунанд.

**Ҳаҷм ва сохти диссертатсия.** Диссертатсия сохтори мукаммал ва устувори илмӣ дорад, ки он аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, китобнома ва зикри интишороти муаллиф аз рӯи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми он 166 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии омӯзиши он, сарчашмаҳои илмӣ, собиқаи таҳқиқ ва усули таҳқиқ таъкид мешавад. Ғайр аз ин, дар муқаддима навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра тавзеҳ мегарданд.

Боби аввали диссертасия **“Муҳаммад Ғоиб ва ҷойгоҳи шеъри ӯ дар адабиёти муосири тоҷик”** унвон дошта, он аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби мазкур, марҳилаҳои ташаккули шахсияти адабии М. Ғоиб, тавассути тавзеҳи зиндагинома ва роҳи эҷодии шоир нишон дода шудааст. Диссертант зимни баррасии зиндагиномаи М. Ғоиб муҳимтарин санаҳои фаъолият ва дастовардҳои шахсию эҷодии ӯро зикр мекунад, ки ин барои шинохти комили шахсияти адабии шоир муҳим аст. Дар фасли дуюм диссертант ашъори шоирро дар асоси маҷмуаҳои “Турнаҳо”, “Роҳи деҳа”, “Тути Дара”, “Меҳргиёҳ”, “Суруди ишқ”, “Ифтихор”, “Девон” ва ғайра аз лиҳози мазмуну муҳтаво ба таҳқиқ мегирад. Вай зимни баҳсу баррасиҳои муфассал собит менамояд, ки воқеан, М. Ғоиб дар эҷоди ҳам ашъори бачагона ва ҳам шеъри бузургсолон дасти тавоно дорад.

Фасли сеюми боби мазкур ба масъалаи тасвири симоҳои таърихӣ ва адабию фарҳангӣ дар ашъори М. Ғоиб бахшида шудааст, ки он ба муҳтавои ашъори шоир иртиботи бевосита дорад. Зеро шоир аз ибтидои масири адабию эҷодиаш ба шинохт ва тасвири симои ашхоси таърихӣ ва адабию фарҳангӣ таваҷҷуҳи хосса дошт, ки он то имруз идома дорад. Намунаи ин бозтоби чеҳраи шукуҳманди сиёсӣ ва иҷтимоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар шеърҳои алоҳидаи шоир ин симои барҷастаи таърихи муосири миллати мо бо ҳама шукуҳу рисолаташ ба қалам дода шудааст. Диссертант масъалаи таваҷҷуҳи хосса ба чеҳраҳои таърихӣ доштани шоирро, аз ҷумлаи фазилатҳои муҳимми адабии эҷодиёти ӯ меҳисобад, ки ин комилан воқеист.

Боби дуюм **"Хусусиятҳои жанрии ашъори Муҳаммад Ғоиб"** аз ҷумлаи бахшҳои асосии диссертатсияи Ш. Раҷабалиева мебошад ва он дар шаш фасл баррасӣ мешавад. Дар фасли аввали ин боб диссертант нақш ва ҷойгоҳи ғазалро дар эҷодиёти М. Ғоиб ба таҳқиқ мегирад. Муҳаққиқ бо ишора ба нуфузи ғазал дар эҷодиёти шоир ва мазмуну муҳтавои он, таъкид менамояд: "Шоир бо эҷоди ғазал дар такомули маъниву муҳтаво ва дарунмояи он, дар эҷоди хеш нишон дода тавонист, ки жанри суннатии ғазалро наметавон куҳнаву нозарур дар адабиёти навин донист, балки ба тариқи ғазал метавон беҳтарин тасвирҳо ва навпардозиҳоро дар шеъри тамоми даврон истиқбол кард".

Масъалаи мавқеи анвои рубоӣ ва дубайтӣ дар ашъори М. Ғоиб дар фаслҳои дуюм ва сеюми диссертатсияи Шаҳло Раҷабалиева таҳқиқ шудааст. Воқеан, таваҷҷуҳи шоир ба анвои суннатии шеър қобили таваҷҷуҳи хосса мебошад. Чунки шоир бо як маҳорати хос мазмуну мавзуъҳои имрӯзаро дар қолабҳои суннатии шеъри форсии тоҷикӣ баён мекунад. Инро на танҳо дар ғазалиёт, балки дар рубоию дубайтиҳои ӯ низ метавон ба мушоҳида гирифт. Бештари рубоиҳои шоир дар мавзуъҳои доғи рӯзгори мо, аз қабили худогоҳию худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, инсонгароӣ, меҳнатдӯстӣ, созандагию бунёдкорӣ ва ғайра эҷод шудаанд. Дубайтиҳояш бошанд саршор аз эҳсосоти отифии инсонӣ мебошанд. Ҷанбаҳои мазкури ашъори М. Ғоибро диссертант зимни таҳлилҳои муфассали ашъори ӯ тавзеҳ медиҳад, ки он ҷолиб аст.

Дар ду фасли баъдӣ диссертант ашъори дар қолаби чаҳорпора ва шеъри озод офаридаи шоирро ба баррасӣ гирифта, мақому ҷойгоҳи ин анвои шеъри муосирро дар эҷодиёти М. Ғоиб асосан, дуруст муайян мекунад. Бояд гуфт, ки М. Ғоиб дар инкишофи адбиёти бачагонаи тоҷик

дар замони мо, нақши назаррас дорад. Худи аз тарафи шоири маъруфи бачаҳо, устод У.Раҷаб мураттаб гардидани маҷмуаи нахустини ашъори бачагонаи шоир, ки бо номи “Турнаҳо” ба нашр расида буд, далели равшани аз аҳаммият ва арзиши хосси адабию ҳунарӣ бархурдор будани ин бахши эҷодиёти адиб аст. Дар ин робита, дар диссертатсия дуруст таъкид мешавад, ки М. Ғоиб дар ашъори бачагонааш бо дарназардошти ҷанбаҳои отифӣ ва омӯзанда роҳи тарбия ва таълимии бачагонро дар ашъораш хеле соддаю муъҷаз матраҳ мекунад.

Масоили марбут ба хасоисси бадеии ашъори шоир дар боби сеюми диссетатсия, ки **“Ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии ашъори Муҳаммад Ғоиб”** унвон дорад, дар ду фасли алоҳида баррасӣ мешаванд. Диссертант таъкид менамояд, ки М. Ғоиб шоирест, ки худро аз доираи маҳдудиятҳо канор бурдааст ва дар тасвири дастовардҳои фарҳангу адабиёт, тарғиби худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ташвиқи расму оинҳо, хусусан, шеъри ватанпарварона тавонистааст, ки намунаҳои хуби каломи ҳунариро манзур созад. Таъкид мешавад, ки М. Ғоиб дар эҷоди шеър сабку шеваҳои хосси баёни худро дорад, ки он ҳам аз лиҳози корбасти зарфиятҳои забонӣ ва ҳам аз ҷиҳати тарзу шеваи баёни шоирона фардияти адабию эҷодии муаллифро мушаххас месозад.

Натиҷагириҳои илмии диссертант дар бахши хулосаи диссертатсия дар 12 банд оварда шудааст, ки аксари онҳо қобили таваҷҷуҳанд. Ин ҷо дастовардҳои илмии диссертант мunazzam баён мешаванд, ки онҳо дорои аҳаммияти назарӣ ва амалианд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқот** боз дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи диссертатсия барои рушди минбаъдаи адабиёт ва таҳқиқу омӯзиши равандҳои шеъри муосир арзиши хосси назарӣ дорад. Чунки таҳқиқоти мазкур бо риояи меъёрҳои илмию назарии аадбиётшиносӣ ва бо такя ба методологияи муосири илмӣ анҷом дода шудааст.

Дар баробари ин маводди диссертатсия, хулоса ва натиҷагириҳои он дорои **арзиши хосси амалӣ** ҳам мебошад. Зеро маводи он барои таълиму тадрис ва таҳқиқи адабиёти муосир, равандҳои шеъри имрӯз аз ҳар ҷиҳат муҳим аст. Метавон, аз нуктаҳои муҳимми он ҳангоми таълифи китобҳои дарсии соҳаи адабиётшиносӣ, таҳияи рисолаю мақолаҳои илмӣ дар заминаи равандҳои шеъри муосир истифода намуд.

**Нашри натиҷаи таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ва раванди таълифи диссертатсия довталаби дараҷаи

илмӣ 8 мақола ба чоп расонидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Ин мақолаҳо ифодакунандаи муҳимтарин дастовардҳои илмии диссертант буда, хулосаю натиҷагириҳои илмию пажуҳишии муҳаққикро нишон медиҳанд. Илова бар ин, диссертант бо маъруза ва суханрониҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ саҳми шахсии худро дар таҳқиқи мавзуъ нишон додааст.

**Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи коммисия.** Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар сатҳи лозимӣ анҷом дода, аз ҷиҳати мазмун ва сохтори илмӣ ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Зимни баррасии диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло "Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб" метавон ба чунин натиҷа расид, ки таҳқиқоти диссертатсионии мавриди назар пажуҳиши муфассали фарогир ва мунназаму мукаммали адабиётшиносӣ буда, дар таҳқиқи аҳволу ашъори М. Ғоиб саҳифаи тоза мебошад. Диссертант бо такя бо сарчашмаҳои қобили эътимоди илмию адабӣ тавонистааст, вазифаҳои пажуҳишии дар назди худ гузоштаро дар сатҳи муносиби илмӣ иҷро намояд.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Дар баробари дастовардҳои шоистаи илмӣ дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар муқаддима тавзеҳи умумии вазъи адабӣ, дар бахши "Мубрамии мавзуъ" зиёдатист. Ин қисмат бояд аз масъалагузорӣ ва тавзеҳи зарурати таҳқиқи он шуруъ шавад.
2. Азбаски дар мавриди эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб мақолаҳою рисолаҳои зиёд ба нашр расиданд, дар бахши "Дараҷаи омӯзиши мавзуъ" агар онҳо аз рӯйи проблемаҳои мавриди назари муаллифон гурӯҳбандӣ мешуд, беҳтар буд.
3. Дар бахши навгониҳои илмии диссертатсия баъзе масъалаҳои зикргардида, такрору умумианд, мисли "Баррасии хусусиятҳои

ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб", "Тасвирҳои ватандорӣ ва дигар паҳлуҳои ашъори шоир" ва ғайра.

4. Ба назари мо, дар боби дуюм, ба ҷойи дар шаш фасл ҷудо карда, тавзеҳ додани анвои жанрии ашъори шоир, дар ду ё се фасл ибтикорот ва навҷӯиҳои Муҳаммад Ғоиб баррасӣ мешуд, арзиши илмии диссертатсия меафзуд.
5. Дар боби сеюм хусусиятҳои сабки фардии шоир, вижагиҳои забони ашъораш, агар дар фасли алоҳида таҳқиқ мегардид, ҷанбаҳои ҳунарии шеъри шоир бештар равшан мешуд.

Камбудиҳои зикршуда хусусуиятҳои ҷузъӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро халалдор намекунанд. Ба таври кулли диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло дар мавзуи "Хусусиятҳои ғоявӣ, жанрӣ ва бадеии ашъори Муҳаммад Ғоиб" ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат менамояд. Дар заминаи дастовардҳои илмӣ ва натиҷаҳои қобили эътимоди ба дастомада, муаллифи диссертатсия Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович**

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

Имзои Ш. А. Солеҳовро тасдиқ мекунам.
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Қодирзода Сайвалӣ**

**Нишонӣ:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

**29.11.2025.**